20943 - Оё пойҳоро ба ҷониби қибла карда хобидан ҷоиз аст?

савол

Оё пойҳоро ба ҷониби қибла карда хобидан ҷоиз аст?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд:

"Бар инсон ҳеҷ ҳараҷе нест, ҳар гоҳ хоб кунад ва пойҳояш ба сӯи Каъба бошанд. Балки фақеҳон (раҳмати Аллоҳ бар онҳо бод) фармудаанд: Беморе, ки рост истода ва нишаста наметавонад, бар паҳлӯи худ хобида ва рӯяшро ба сӯи қибла карда намоз мехонад. Агар натавонад, бар пушт хоб карда, пойҳояшро ба сӯи қибла намуда намоз мехонад".

Фатовои Ибни Усаймин: 2/976.

Аллоҳ донотар аст.